# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚИ ВИЛОЯТИ КӮЛОБИ ҶШС ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (солҳои 1941-1945)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ). – Душанбе, 2025.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ватанзода Шердил Ватан ба яке аз мавзуъҳои муҳиму мубрами замони муосири бахши илмҳои таърих бахшида шудааст. Дар он вазъи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) баррасӣ шудааст. Мубрамии мавзуи илмӣ дар он аст, ки то ҳол таҳқиқоти пурраи илмӣ дар ин масъала бо усули муосир анҷом нагирифтааст. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки вазъи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) ба таври муфассал, бо назардошти марҳилаҳои муайян таҳқиқ ва таҳлил намояд.

Омӯзиши ин давраи ҳасоси таърихӣ ба мо имкон медиҳад, ки равандҳои рушди хоҷагии қишлокро дар шароити душвори ҷангӣ дарк кунем ва таҷрибаи арзишмандро барои таҳкими соҳаи кишоварзӣ ва рушди иктисоди кишвар истифода барем. Ҳамин тариқ, омӯзиши таърих ва таҷрибаи хоҷагии қишлоқ дар солҳои ҷанг на танҳо барои таҳқиқоти илмӣ, балки барои қабули қарорҳои стратегӣ ва рушди устувори кишвар зарур мебошад.

Муаллиф дар кори худ ба омӯзиши шароити иҷтимоию иқтисодӣ, вазъи истеҳсолоти кишоварзӣ, сафарбаркунии захираҳои меҳнатӣ ва моддӣ, нақши занон, пиронсолон ва наврасон дар хоҷагии қишлоқ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кардааст. Тавассути таҳлили маводи бойгониҳои давлатӣ, санадҳои расмӣ, матбуоти даврӣ ва дигар сарчашмаҳои муътамад муаллиф тавонистааст заҳмату мушкилоти деҳқонон ва аҳолии вилояти Кӯлобро дар шароити ҷангӣ инъикос намояд.

Автореферат тамоми паҳлуҳои диссертатсияро комилан фаро гирифта, нуктаҳои хоси таҳқиқшуда бо далелҳои амиқ муҳтавои асосии диссертатсияро ташкил медиҳад.

Чуноне, аз сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи Ш. Ватанзода бармеояд, рисла аз мудаддима 3 боб, ҳашт зербоб, тавсияву хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ, маводи бойгонӣ ва маводи матбуоти даврӣ вазъи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро дар доираи адабиёти мавҷуда таҳқиқ намудааст.

Диссертант дар таҳқиқоти худ аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ, усулҳои айният, бетарафӣ, таърихӣ–муқоисавӣ ва татбиқӣ самаранок истифода бурда, вазъи хоҷагии деҳоти вилоятро ба таври амиқ ва мукаммал баррасӣ намудааст. Арзёбиҳои назариявии таърихшиносон, сиёсатшиносон ва мутахассисони соҳаи кишоварзӣ барои таҳкими асосҳои илмии таҳқиқот мусоидат карда, методологияи илмҳои таърихӣ ва усулҳои айният ва бетарафиро ба таври муассир ба кор бурдааст.

Яке аз бартариҳои муҳимми таҳқиқоти мазкур он аст, ки муаллиф бо истифодаи манбаъҳои гуногун ва усулҳои илмӣ тавонистааст ҷанбаҳои то имрӯз камомӯхташуда, хусусан, накши хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлобро, ки яке аз минтақаҳои муҳими таъмини маводи хӯрокворӣ ва ашёи хом барои саноат ва артиш ба ҳисоб мерафт бо далелҳои муътамад нишон диҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои хондани курсҳои махсус, лексияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ истифода бурд. Ҳамзамон, таҷрибаи таърихии иштироки меҳнаткашонро дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар соҳаҳои ҷомеа метавонанд дар шароити муосир ҳангоми идоракунии сиёсати иҷтимоии давлатӣ, инчунин дар тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстии наслҳои наврасу ҷавон ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии ҳамватанони мо истифода шаванд.

Бо дарназардошти мазмун ва сатҳи илмӣ, метавон хулоса кард, ки автореферат ва диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)» ба талабот ва меъёрҳои муайяннамудаии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ буда, ҳамзамон метавонанд дар таҳқиқоти таърихӣ оид ба таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) ва таърихи Тоҷикистони Шуравӣ истифода шаванд. Аз ин рӯ, таҳқиқот пурра ба ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мутобиқ буда, муаллиф он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи
таърихи умумӣ ва таърихи ватании
Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон Маликов М.Ҳ.

Имзои Ҳ.М. Маликовро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон Раҳимов А. А.

**Суроға:** 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
Тел: (+992) 37 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru www.rtsu.tj.

«4» 07 соли 2025